Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобастагии амиқ дорад. Ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардонидани некӯаҳволии мардум, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ ва рушди воридотивазкунӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, он барои ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ, ворид намудани техника ва технологияи инноватсионӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, тақвият бахшидани суръати рушди иқтисодии минтақаҳои сусттараққӣ, омода намудани мутахассисони миллии коргарӣ, дастрас намудани усулҳои пешқадами менеҷмент ва дастрасӣ ба комёбиҳои илмию техникии ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ яке аз самтҳои афзалитноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард, таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин таъмини хоҷагии қишлоқ бо техника, химикатҳо ва нуриҳои зарурӣ барои истеҳсоли кишоварзиро дар бар мегирад. Нақши асосиро дар ин самт бахш кишоварзӣ мебозад, ки самтҳои асосии истеҳсоли он парвариши ғалладона, сабзавот, хӯрокворӣ, намудҳои мевадиҳандаи зироатҳо ва чорводорӣ мебошад.

Барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии мамлакат пеш аз ҳама бояд инфрасохтори тиҷорати аграрӣ, ки ба он истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот дохил мешавад, аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Дар раванди саноатикунонии босуръат ва эълон гардидани рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар мамлакат, рушди мошинсозӣ дар соҳаи кишоварзӣ,

истеҳсоли нуриҳои минералӣ, нақлиёт, логистика, таҳқиқоти илмӣ ва соҳаҳои коркарди саноати хӯрокворӣ аз бахши кишоварзӣ вобастагии калон дорад.

Ба ин ҳадаф, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии мамлакат аз масъалаҳои истифодаи оқилонаи замин, баланд бардоштани ҳолати мелеративӣ ва ҳосилнокӣ ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа ҳисоб мешаванд. Вале иҷрои он паҳлӯҳои зиёде дорад, ки ниёзмандиро ба ҳамкориҳои хориҷӣ тақозо мекунанд. Аз ҷумла, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, рушди технологияи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, парвариши навъҳои нави растанӣ, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, рушди соҳаи боғу токпарварӣ, чорводорӣ, воридоти техникаи инноватсионии кишоварзӣ самтҳое мебошанд, ки онҳоро дар ҳамкорӣ бо кишварҳои пешрафта амалӣ кардан имконпазир аст.

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ дар таҳкими амнияти озуқаворechии мамлакат нақши калидӣ дошта, ба беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Таҳлили вазъи иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тадбирҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати дастгирӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамчун самти афзалитнок, ҳанӯз ҳам дар ин самт мушкилот ҷой дорад. Вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии мамлакат наметавонад иҷрои пурраи ҳадафҳои муқарраршудаи стратегии миллиро таъмин намояд.

Дар робита ба ин, интихоби мавзӯъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид, ки меҳвари асосии онро такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт) ташкил медиҳад, дар шароити муосир хеле саривақтӣ ва актуалӣ мебошад.

Далелҳои болозикр мубрам будани мавзуи интихобшудаи диссертатсияи илмиро муайян намуда, аҳамияти илмӣ ва амалии онро тасдиқ ва исбот менамоянд.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Муқаррароти илмии дар диссертатсия дарҷшуда ба Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ва бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳо: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият

дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; 23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани онҳо мувофиқат менамояд.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии таҳқиқот аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявию услубии механизими ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ доир ба такмил ва муайян намудани самтҳо, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаи агросаноатии Кӯлоб иборат аст.

**Навгониҳои ҷудогонаи таҳқиқоти муаллифро ба таври зерин пешниҳод намудан мумкин аст:**

- дар асоси омӯзиш ва таҳлили нуқтаи назари мухталифи муаллифони ватанию хориҷӣ мафҳуми иқтисодии соҳибкорӣ ва ҷанбаҳои гуногуни онро дар бахши муносибатҳои аграрӣ мавриди омӯзиш қарор дода, мувофиқан соҳибкориро ҳамчун фаъолияти бонизом донистa, моҳияти иқтисодии онро бо дарназардошти талаботи шароити муосир муайян кардааст. Муаллиф таърифи нави "соҳибкории истеҳсолӣ"-ро дар бахши кишоварзӣ аз нуқтаи назари хеш пешниҳод намудааст.

Дар ин замина, муаллиф соҳибкории истеҳсолиро дар бахши кишоварзӣ ба фаъолияти ташаббускорона ва эҷодии як ё якчанд гурӯҳи одамон ҳисобида, мақсадашон роҳандозии самараноки фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дар ниҳоят, ба даст овардани натиҷаҳои молиявии мусбат медонад.

Илова бар ин, механизми самараноки ташкилию иқтисодии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, муаллиф қайд намудааст, ки он бояд бо истифода аз шаклҳои инноватсионӣ амалӣ карда шуда, муносибатҳои бақайдгирӣ, андозсупорӣ ва назорат, гирифтани иҷозатнома ба таври сода ва электронӣ роҳандозӣ карда шавад;

- муаллиф иброз медорад, ки таҳқиқи вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2023, муқоисаи аломатҳои асосии он бо амалияи кишварҳои хориҷӣ имкон медиҳад муқаррар намоем, ки ташаккули соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзии миллӣ, пеш аз ҳама дар

намуди соҳибкории оилавӣ дар шароити муосир ба мақсад мувофиқ ва манфиатовар мебошад. Ин муқаррарот ба он шарт асос меёбад, ки шуғли асосии аҳолии деҳоти кишвар асосан кишоварзӣ буда, маҳсулоти истеҳсолии он бозори истеъмолиро таъмин намуда, фоидаи он буҷаи оиларо ғанӣ мегардонад. Рушди ин бахши иқтисодиёт ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар таъмини ашёи хом мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф омилҳое, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ таъсир мерасонанд, ошкор гардида, мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудааст. Вобаста ба хусусияти ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъсиррасон ба қисматҳои алоҳида ва гурӯҳҳо (омилҳои умумӣ ва махсус) ҷудо карда шуданд. Муаллиф муайян кардааст, ки монеаҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ин пеш аз ҳама маҳдуд будани масоҳати заминҳои обёришаванда, гарон будани андоз барои хоҷагиҳои кишоварзӣ, болоравии нархи ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ ва дигар омилҳои вобаста ба он ба ҳисоб меравад. Бо истифода аз ин омилҳо амсиласозии иқтисодӣ-риёзии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ гузаронида шуда, натиҷаи он имкон медиҳад, ки дурнамои нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро то соли 2035 илман асоснок намоем;

- муаллиф дар диссертатсия самтҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии субъектҳои соҳибкории истеҳсолиро дар соҳаи аграрӣ ошкор намуда, марҳилаҳои асосии такмили механизми иқтисодии соҳибкориро дар соҳаи аграрӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ муқаррар ва асоснок намудааст. Муайян карда шудааст, ки ҷараёни самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва тарзи дурусти ҳисобу муайян кардани он амалӣ карда мешавад. Инчунин, пешгуйии нишондиҳандаҳои муҳимми соҳибкорӣ дар соҳаи аграрии ҷумҳурӣ бо истифодаи амсиласозии иқтисодӣ - риёзӣ таҳия гардидааст;

- муаллиф асоснок намудааст, ки андешидани тадбирҳои мушаххас оид ба мукамалгардонии механизми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ба таъмини амнияти озуқавории мамлакат мусоидат менамояд. Дар ин замина, муаллиф роҳҳои экстенсивӣ ва интенсивии рушди бахши кишоварзиро бо назардошти маҳдудиятҳо ва имкониятҳои он баҳо дода, гузариш ба рушди дақиқро пайгирӣ карда, дар ин замина намунаи мушаххаси механизми мукаммали дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолиро дар бахши аграрӣ мутобиқ ба шароити муосири хоҷагидорӣ бо ҳадафи таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия ва пешниҳод намудааст.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда

Муаллиф дар диссертатсия таъкид мекунад, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ бояд ба талаботи истеҳсолоти инноватсионӣ мутобиқ бошад, то раванди такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ва вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоии он самаранок иҷро шаванд. Дар таҳқиқот хусусияти инноватсионӣ, омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ низ ба инобат гирифта шудаанд.

Барои таҳкими асоси назариявию методологӣ, муаллиф аз адабиёти илмии муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ, маълумоти оморӣ, гузоришҳои конфронсҳо ва маводи ташкилотҳои байналмилалӣ истифода бурдааст. Методҳои таҳлилӣ, аз ҷумла таҳлили системавӣ, мантиқӣ, сохторӣ, функсионалӣ, индуксия, дедуксия ва синтезро дар таҳияи хулосаҳои илмӣ истифода бурдааст.

Муаллиф шаклҳо ва намудҳои соҳибкории истеҳсолиро гурӯҳбандӣ намуда, механизмҳои ташкиливу иқтисодии рушди онро таҳлил кардааст. Ҳамчунин ба арзёбии иқтидорҳо, захираҳои мавҷуда ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории аграрӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Ҳангоми таҳлили вазъи воқеии соҳа, муаллиф аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти омории мақомоти давлатӣ ва гузоришҳои Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди Авруосиё ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ истифода намудааст.

Дар натиҷа, муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф манбаъҳоро мақсаднок коркард карда, маълумоти омориро мустақилона таҳлил намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои боэътимод ва илмӣ асоснок пешниҳод кардааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он барои боло бурдани самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ, беҳсозии муҳити иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ замина фароҳам меорад. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқотӣ ба такмили механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ, такмил додани қонунгузорӣ, густариши дастгирии

давлатӣ ва таҳияи стратегияи рушди устувори соҳа дар сатҳи миллӣ мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонанд ба фаъолияти вазорату идораҳо дар муайянсозии афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ хизмат расонанд. Онҳо ҳамчунин барои таҳкими устувории молиявии субъектҳои соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки захираҳо аҳамияти амалии баланд доранд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи таълимӣ барои фанҳои иқтисодӣ, аз ҷумла «Назарияи иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Микроиқтисод» ва «Ташкил ва банақшагирии истеҳсолот» истифода шаванд.

Тибқи маълумотҳои автореферати муаллиф таҳқиқот солҳои 2018-2023-ро фаро гирифта, он дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

Муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, ДМТ, ДДБ ба номи Н. Хусрав, ДБССТ ва дигар ҳамоишу чорабиниҳои илмӣ, ки солҳои 2018-2024 баргузор гардидаанд, дар шакли мақола ва маърӯзаҳо муҳокима ёфта, баҳои мусбат гирифтаанд.

Нуқтаҳои алоҳидаи натиҷаҳои таҳқиқот дар Раёсати кишоварзии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб, Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" дар шаҳри Кӯлоб ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ амалӣ гардидаанд, ки санадҳои ҷоришавии онҳо тасдиқ ва пешниҳод шудаанд.

### 6. Мазмуни кори диссертатсионӣ

Дар бахши муқаддима муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян шудаанд. Ҳамчунин, объекти таҳқиқ, предмети он ва фарзияи илмӣ мушаххас карда шуда, асосҳои назариявию методологӣ ва манбаъҳои маълумотӣ оварда шудаанд.

Навгонии илмии тадқиқот, нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо баён карда шудаанд. Мутобиқати кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқот, натиҷаҳои татбиқшуда ва мақолаҳои илмии вобаста ба мавзӯъ низ инъикос ёфтаанд. Илова ба ин, сохтор ва ҳаҷми умумии диссертатсия низ нишон дода шудааст (с. 4 – 14).

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию услубии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт»** (саҳ. 16 – 75) масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ асоснок карда мешаванд. Муаллиф равандҳои ташкиливу иқтисодии ин навъи соҳибкориро дар соҳаи аграрӣ баррасӣ намуда, таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро таҳлил карда, масъалаи мутобиқсозии онҳоро ба шароити Тоҷикистон арзёбӣ мекунад (саҳ. 16).

Муаллиф таъкид мекунад, ки барои кишварҳои дар марҳилаи рушдбударо, аз ҷумла Тоҷикистон, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ омили муҳими устувории иқтисодии миллӣ мебошад. Тибқи назарияи пешниҳодшуда, ин раванд метавонад ба афзоиши истеҳсолот ва таҳкими иқтидори аграрӣ такони ҷиддӣ бахшад (саҳ. 16).

Дар қисмати назариявӣ муаллиф мафҳумҳои «соҳибкорӣ», «соҳибкории истеҳсолӣ» ва «соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ»-ро бо такя ба рушди таърихӣ ва таҳаввули назариявӣ гурӯҳбандӣ кардааст (саҳ. 27). Ӯ қайд менамояд, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ шакли фаъолияти ташаббускорона ва эҷодист, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва дастёбӣ ба натиҷаҳои молиявии устувор равона шудааст (саҳ. 38).

Муаллиф фаъолияти соҳибкориро аз рӯйи нишонаҳои гуногун гурӯҳбандӣ намуда, шаклҳои онро вобаста ба намудҳои моликият ҷудо кардааст, ки дорои аҳамияти назариявию амалии баланд мебошад (саҳ. 44, 47).

Ҳамчунин, дар қисми назариявӣ таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар соҳаи иқтисоди аграрӣ таҳлил шуда, хулоса карда мешавад, ки барои пешрафти соҳа дар Тоҷикистон зарур аст, ки гуногуншаклии хоҷагидорӣ ва моликият дар кишоварзӣ ба таври самаранок истифода гардад (саҳ. 75).

**Дар боби дуюми диссертатсия «Тамоюлҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ»** муаллиф робитаи зичи татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар бо сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва ҳолати рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграриро мавриди таҳлил қарор медиҳад (саҳ. 72 – 115).

Таъкид мешавад, ки некӯаҳволии иқтисодию иҷтимоии ҷомеа бевосита ба фаъолияти истеҳсолии субъектҳои аграрӣ вобаста буда, тақвияти соҳибкории истеҳсолӣ метавонад имкониятҳои корӣ, таъминоти бозор ва сатҳи зиндагии мардумро беҳтар созад.

Муаллиф, дар асоси таҳлилҳои оморӣ ва иқтисодӣ, хулоса мебарорад, ки барои рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ ҷорӣ намудани шаклҳои нави ҳамгирошудаи хоҷагидорӣ, аз ҷумла пойгоҳҳои мошинӣ-тракторӣ ва корхонаҳои таъминкунандаи захираҳо зарур мебошад

(саҳ. 83–88). Онҳо бояд барои қонеъ кардани ниёзҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар субъектҳои истеҳсолоти кишоварзӣ хизматрасонии техникӣ ва таъминоти муттасили раванди истеҳсолотро фароҳам оваранд.

Дар диссертатсия инчунин таъкид шудааст, ки рушди босуботи соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ба иҷрои се шарти асосӣ :ташкили низоми самараноки тайёр кардани кадрҳои соҳавӣ; танзими муассири бозори замин, ҳамчун омили калидии фаъолияти соҳибкорӣ; татбиқи муносибати комплексӣ дар рушди соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла тавассути ҳамгирой, кластеризатсия ва истифодаи инноватсияҳо ниёз дорад (саҳ. 89 – 92).

Муаллиф нишон медиҳад, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ яке аз роҳҳои амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ буда, рушди бозори маҳсулоти истеъмолӣ ва фаъолияти субъектҳои истеҳсолиро ҳавасманд мекунад. Ин раванд ба беҳтар шудани вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ ва таъмин намудани бозор бо маҳсулоти баландсифат мусоидат менамояд (саҳ. 82).

Дар қисми дигар, бо такя ба таҳлили таҷрибаи солҳои истиқлол, муаллиф зикр мекунад, ки тағйир ёфтани низоми хоҷагидорӣ - аз колхозу совхозҳо ба шаклҳои нави хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, иҷоравӣ ва кооперативҳо, мазмун ва самти рушди соҳаи аграриро ба таври куллӣ тағйир додаст (саҳ. 95 – 103). Ин тағйирот заминаи муҳим барои ташаккули модели гуногуншаклии хоҷагидорӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ гардид.

Дар поёни боб, муаллиф зарурати истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва идоракунии муосирро барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ, иқтидори содиротӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ таъкид мекунад (саҳ. 114 – 115).

Ҳамзамон, муаллиф дуруст ишора менамояд, ки ҳамаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии хоҷагидорӣ, аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои шахсии ёрирасон то кооперативҳо, агроширкатҳо ва корхонаҳои муштарак-метавонанд ҳамчун шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ арзёбӣ шаванд, аммо рушди онҳо бояд ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар ва гузариш ба истеҳсолоти инноватсионӣ равона бошад (саҳ. 110 – 112).

**Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ»** ба баррасии роҳҳои такмил ва баланд бардоштани самаранокии механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар оғоз маънои механизми ташкилию иқтисодиро шарҳ дода, онро маҷмӯи усулҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодие медонад, ки равандҳои фаъолияти соҳибкориро дар сатҳҳои гуногун танзим менамоянд (саҳ. 136).

Дар диссертатсия унсурҳои асосии ин механизм таҳлил шуда, модели амалии он тавассути расм пешниҳод гардидааст, ки аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад (саҳ. 139). Муаллиф зарурати таҳияи чорабиниҳои низомномавии муштарак аз ҷониби вазоратҳои марбута, аз ҷумла Вазорати меҳнат ва Вазорати кишоварзиро таъкид мекунад, то ки равандҳои соҳибкорӣ дар деҳот ба таври муассир танзим гарданд (саҳ. 142).

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки қисме аз фонди дастгирии соҳибкорӣ бояд ба рушди инфрасохтари аграрӣ, аз ҷумла хариди таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва беҳдошти иншооти муҳофизатӣ равона карда шавад (саҳ. 148).

Дар диссерататтсия ҳамчунин нишон дода мешавад, ки рушди устувори кишоварзӣ ба истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва идоракунии дуруст такя мекунад. Муаллиф самаранокиро ҳамчун натиҷаи муфиди истифодаи воситаҳо, маблағҳо ва меҳнат арзёбӣ намуда, ба андешаи олимоне чун Илин С.С. ва Энгелсчард истинод меорад, ки омилҳои инсонӣ монанди идоракунӣ ва ҳавасмандгардонӣ калидии афзоиши самаранокӣ мебошанд (саҳ. 147).

Дар диссертатсия нақши санадҳои стратегии давлатӣ, аз ҷумла Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008) ва Барномаиислоҳоти кишоварзӣ (2012 – 2020), таҳлил гардида, нишон дода мешавад, ки онҳо барои беҳсозии муҳити соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя платформаи муҳим фароҳам овардаанд.

Муаллиф як қатор пешниҳодҳои амалӣ, аз ҷумла баланд бардоштани ҳавасмандгардонии меҳнат, такмили базаи техникиву технологӣ, омодасозии кадрҳои соҳибихтисос, тақвияти дастгирии давлатӣ ва боло бурдани рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро низ ироа мекунад, ки ҷанбаи амалии таҳқиқотро пурқувват мегардонанд.

Дар анҷом, хулосаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷамъбаст шуда, имконияти истифодаи онҳо дар рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт асоснок шудаанд.

Сохтори кори диссертатсия гузориши мақсад ва алоқамандии мантиқии онро тасдиқ мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, дар 200 саҳифаи чопӣ навишта шуда, дар он 28 ҷадвал, 21 расм ва 10 диаграмма оварда шудааст.

## 7. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд намудан мумкин аст:

1. Дар бобои аввали диссертатсия параграфи 1.3. таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба усулҳои рушди механизми соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт хеле хуб мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Вале хуб мешуд агар муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ягон модели намунавии механизми рушди соҳибкории истеҳсолиро дар бахши аграрии мамлакат мутобиқ ба вазъи муосир, имконияту шароит ва фарҳангу маданияти фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекард.

2. Дар боби дуюми диссертатсия параграфи 2.1. арзёбии вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба таври кофӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Сифати илмии кор баланд мегардид, агар муаллиф дар ин қисмати кор вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзиро бештар мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор медод, мушкилоти соҳаро муайян ва барои ҳалли он тавсияҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод менамуд.

3. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар диссертатсия таҳлили SWOT гузаронида шуда, тарафҳои пурқувват, беқувват, имконият ва хатарҳо муайян карда шуда, барои дар оянда нақша - чорабиниҳоро оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ дар мамлакат таҳия ва амалӣ намудан, пешниҳод мегардид.

4. Дар боби сеюми диссертатсия параграфи 3.2. роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Вале аз ҷониби муаллиф роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ба таври конкретӣ таҳия ва пешниҳод нагардидааст.

5. Дар диссертатсия дар баъзе аз ҷумлаҳо баёни мантиқӣ, хатоҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои оянда ба инобат гирифта шаванд.

## 8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия 22 мақола дар ҳаҷми умумии 10,2 ҷ.ч., аз ҷумла, 9 мақола (5,4 ҷ.ч.) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр наммудааст.

## 9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, баён гардидаанд.

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

## 10. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи "Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи пешниҳодгардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг
ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Абдураҳмон Ҳ.

17.11.25

Имзои н.и.и., и.в. дотсент Абдураҳмон Ҳ. - ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
Тел.: + 992(37) 234-83-46,факс: + 992(37) 234-85-46, почтаи электронӣ: tguk 2025@gmail.com, сомонаи расмӣ: www.tguk.tj.